**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ)**

Дар кори таҳқиқотии диссертант Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович унсурҳои луғавии «Ғиёс-ул-луғот»-и Ромпурӣ дар лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор гирифтааст. Ба таҳқиқу муқоиса қарор додани калимаву таркиб ва ибораҳои фарҳангномаи мазкур бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ яке аз масоили мубрами забоншиносии муосири тоҷик ба ҳисоб меравад ва муҳаққиқ Раҳимов Абдулқосим тавонистааст, ин таҳқиқоти мубрамро дар кори илмии худ муваффақона ба анҷом расонад.

Таҳқиқи масъалаи тарзҳои боқимонии унсурҳои луғавии яке аз фарҳангномаҳои муътабари садаи XIX бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ яке аз масоили муҳимми забоншиносӣ ба ҳисоб рафта, то имрӯз ба таври зарурӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Ин аст, ки мақсаду вазифаҳои асосии кори таҳқиқотии диссертант ба ҳамин масъала бахшида шудааст.

Аз кори таҳқиқотии диссертант Раҳимов Абдулқосим бармеояд, ки «Ғиёс-ул-луғот» аз даврони гузашта то кунун яке аз фарҳангномаҳои муътабар ба шумор рафта, дар он аксари маълумоти дар луғатномаҳои пешгузаштагони Ромпурӣ дарҷгардида оварда шудаанд ва ин масъала дар диссертатсия мавриди таҳлилу муқоиса қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ дар диссертатсия, пеш аз ҳама, ба масъалаи алоқамандии вожаҳои мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ бештар диққат намуда, дар рафти пажуҳиш саъй намудааст, то роҳу усулҳои устуворию ҷовидонии унсурҳои луғавии фарҳанги мазкурро дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии имрӯзаи тоҷикӣ ба риштаи таҳқиқ кашад.

Дар қисмати муқаддима тибқи анъана мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, усулҳои таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шудааст.

Диссертатсия ва сохтори он мувофиқ ба талабот омода гардида, аз муқаддма, се боб даҳ фасл ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат буда, якҷо бо қисматҳои муқаддима, хулоса ва рӯйхати адабиёт фарогири 161 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

Боби аввали рисола **«Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ»** унвон дошта, фарогири се фаслу ду зерфасл мебошад. Дар ин бахши рисола масъалаҳое чун: Ромпурӣ ва мансубияти маҳаллии вожаҳо, мавридҳои истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот», истифодаи вожаҳои лаҳҷавӣ ба сифати унсури эзоҳёбанда, корбурди онҳо аз тарафи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот», шарҳи воҳидҳои фразеологии лаҳҷавӣ дар «Ғиёс-ул-луғот» мавриди таҳқиқу баррасии диссертант қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Муқоисаи вожаҳои қадимии эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ»** ном дошта, аз се фасл иборат мебошад. Диссертант дар ин қисмати кор маъноҳои қадимии вожаҳои «Ғиёс-ул-луғот»-ро бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ муқоиса намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки як қатор вожаҳои эрониасли он тағйири шакл намуда, бештари ин вожаҳо то замони мо омада расидаанд. Диссертант Раҳимов Абдулқосим дар ин замина бо мақсади тақвияти андешаҳояш мисолҳои зиёдеро аз осори маҷуда оварда, мавриди таҳқиқу муқоиса қарор додааст.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ»** баррасӣ гардидааст. Ин бахши диссертатсия фарогири шаш фасл буда, дар ин боб вожаҳои дигари эронӣ, инчунин калимаҳои иқтибосии ҳиндӣ, арабӣ

ва таҳаввулоти маънои онҳо, унсурҳои туркии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ мавриди таҳқиқи муаллифи рисола қарор гирифтаанд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, муҳаққиқ тавонистааст, дар 32 банд аз тамоми корҳои кардаи худ натиҷагирӣ намояд. Аз хулосаҳои пешниҳоднамудаи диссертант бармеояд, ки ҳар кадоми онҳо дорои мантиқи илмӣ буда, муҳаққиқ ба ҳадафҳои дарпешгузоштаи худ муваффақ шудааст.

Аз ҷониби муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсия 12 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақолаи дигар дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба нашр расидаанд, ки мавзуъ ва масъалаҳои дар онҳо баррасишуда мазмун ва мундариҷаи муҳимтарини таҳқиқотро инъикос менамоянд.

Аз мутолиаи фишурдаи диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович бармеояд, ки диссертант тавонистааст, дар натиҷаи талошу заҳматҳои зиёд ба мақсаду вазифаҳои дар назди худ гузошта, муваффақона ноил гардад.

Кори таҳқиқотии диссертант Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович бо ихтисоси илмии интихобнамудаи ӯ комилан мувофиқат мекунад. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) таъйин шудаанд, мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастоварду навгониҳо дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Чунончи:

1. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба монанди якҷоя омадани якчанд калима, васеътар омадани фосилаҳо, ба ҷойи тире (–) омадани нимтире (-) ба мушоҳида мерасад.

2. Дар фишурда баъзан фикрҳои такрор дида мешаванд.
3. Баъзе ғалатҳои имлоию услубӣ низ дар фишурдаи рисола ба назар мерасанд.

Эродҳои мазкур ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо кам намекунанд.

Хулоса, кори таҳқиқотии диссертант Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» кори илмӣ – таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) сазовор мебошад.

**Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, номзади илми филология Чоршанбиева Зайнабхон Ашӯровна** ________

**Имзои мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, номзади илми филология Чоршанбиева Зайнабхон Ашӯровнаро тасдиқ мекунам.**

**Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб Шокиров Қ.Б.** ________

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРГУЗОРӢ
ОБЩИЙ ОТДЕЛ И ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА

**Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб – 735140, маҳаллаи Борбад. Тел: +992989138686**

**«27» 01 с. 2023.**